**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2021

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2021 пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби 19 ташкилотҳои суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, ки аз онҳо 2 ададро ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД ва КВДС) ва 17 ададро ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ташкил доданд. Шумораи онҳо нисбат ба соли 2020 бинобар сабаби ба бозори суғуртаи кишвар воридшавии 2 адад ташкилотҳои суғуртавии навтаъсиси ҶДММ "ДС суғурта" ва ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" ва қатъ гардидани амали иҷозатномаи ҶДММ "Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила" 1 адад зиёд гардидааст. Филиалҳои иштирокчиёни касбии бозори суғуртаи кишвар бошанд, дар давраи ҳисоботӣ 72 ададро ташкил намуда, нисбат ба соли гузашта 5 адад кам гаштаанд. Раванди мазкур аз ҳисоби кам гардидани филиалҳои ғайрифаъоли КВД "Тоҷиксуғурта" ба амал омадааст.

Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти ҶДММ "Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила" вобаста ба риоя нагардидани талаботи қонунгузории соҳаи суғурта бо роҳи бекор кардани иҷозатнома қатъ гардид. Инчунин, бо дарназардошти хулосаи манфии мақоми назорати суғуртавӣ нисбат ба фаъолияти КВДС "Тоҷиксармоягузор", ки ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ додааст ва ҳамзамон талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №211 "Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)"-ро иҷро накардааст, аризаи корхонаи мазкур бо қарори Раёсати Бонки миллии

Тоҷикистон аз 27 июни соли 2021, №121 оид ба тамдид намудани муҳлати амали иҷозатнома рад карда шуд.

**Ҷадвали 1. Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғурта** **(адад)**

| | *2020* | *2021* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 15 | 17 | 2 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 1 | 0 | -1 |
| **Ҳамагӣ:** | **18** | **19** | **1** |
| Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 77 | 72 | -5 |

**Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавии кишвар** дар маҷмӯъ дар соли 2021 ба 527,3 млн. сомонӣ баробар гардида, дар муқоиса ба соли гузашта ба маблағи 114,9 млн. сомонӣ (27,9%) зиёд мебошад. Ин афзоиш асосан дар натиҷаи зиёд гардидани дороиҳои ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" дар ҳаҷми 52,4 млн. сомонӣ, ҶДММ "ТС Бима"дар ҳаҷми 9,6 млн. сомонӣ, ҶДММ "ТС Боварӣ" дар ҳаҷми 6,9 млн. сомонӣ, инчунин аз ҳисоби ба бозори суғуртаи ҷумҳурӣ воридшавии ташкилотҳои суғуртавии навтаъсиси ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" ва ҶДММ "ДС суғурта" бо ҳаҷми умумии 40,3 млн. сомонӣ сармояи оинномавӣ ба амал омадааст.

Дар умум саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар давраи ҳисоботӣ ба **2,2 фоиз** баробар шуда, **нисбат ба ММД бошад, 0,6 фоизро** ташкил намуд.

**Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2021**



**Дар соли ҳисоботӣ ӯҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ** 206,8 млн. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба соли қаблӣ ба маблағи 11,9 млн. сомонӣ (6,1%) афзуданд.

**Диаграммаи 2. Тағйирёбии ӯҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2015-2021**




**Маблағҳои худии (сармояи)**[1] **иштирокчиёни касбии бозори суғурта** дар соли 2021 маблағи 320,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 103,1 млн. сомонӣ (47,4%) зиёд мебошад ва ин раванд агар аз як тараф дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ мусбӣ арзёбӣ гардад, аз тарафи дигар ҷиҳати иҷро гардидани ӯҳдадориҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ бевосита мусоидат менамояд.

Бояд ёдовар шуд, ки қисми асосии маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро сармояи оинномавии онҳо ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар соли ҳисоботӣ ба 235,6 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба соли 2020 ба маблағи 112,7 млн. сомонӣ (91,6%) афзоиш ёфтааст. Сабаби асосии ин афзоиш ба бозори суғуртаи кишвар ворид гардидани 2 ташкилоти суғуртавии навтаъсис (ба маблағи 22,0 млн. сомонӣ сармояи оинномавӣ) ва аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ иҷро гардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №211 “Дар бораи

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” ба ҳисоб меравад.

**Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2015-2021**




**Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2015-2021**




**Миқдори умумии шартномаҳои басташуда** дар соли 2021 ба 1 970,6 ҳазор адад баробар шуда, дар қиёс ба соли гузашта 308,6 ҳазор адад (18,6 фоиз) афзоиш ёфтааст. Ин раванд пеш аз ҳама шаҳодати он аст, ки таваҷҷӯҳи аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқии кишвар ба суғурта бештар шуда, маърифатнокии суғуртавӣ низ то андозае мусбат тағйир ёфта истодааст. Новобаста аз ин, мақоми назорати суғуртавиро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои суғуртавӣ ва шарикони рушд ҷиҳати баланд бардоштани огоҳии мардум оид ба суғурта чораҳои зарурӣ андешад.

**Диаграммаи 5. Миқдори умумии шартномаҳои суғуртавии басташуда дар солҳои 2015-2021**



**Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** ҳамчун сарчашмаи даромади ташкилотҳои суғуртавӣ маҳсуб ёфта, дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми умумии воридоти он ба 287,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли сипаришуда ба маблағи 51,1 млн. сомонӣ (21,7%) зиёд мебошад. Чуноне ки аз таҳлилҳо бармеояд, афзоиши нишондиҳандаи мазкур, ки маҳаки асосии устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ маҳсуб меёбад, аз ҳисоби зиёд гардидани воридоти мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ҶДММ "ТС Бима" - 28,2 млн. сомонӣ, ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" – 24,2 млн. сомонӣ, КВД "Тоҷиксуғурта" – 9,0 млн. сомонӣ ва ҶДММ ТС "Боварӣ" – 4,5 млн. сомонӣ ба амал омадааст.

**Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021**




**Дар соли 2021 воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ**[2] аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ мутаносибан 1 035,5 ҳазор сомонӣ ва 61,0 млн. сомониро ташкил дод, ки воридот аз рӯи шакли суғуртаи ҳатмии давлатӣ нисбат ба соли гузашта 51,7 ҳазор сомонӣ (5,3%) зиёд ва аз рӯи шакли суғуртаи ҳатмӣ бошад, 5,6 млн. сомонӣ (-8,4 фоиз) кам гардидаанд.

Воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи шакли суғуртаи ихтиёрӣ бошад, ба 225,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 78,4

---

2 Ҳаҷми умумии воридоти мукофотҳои (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳо ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ, ҳатмӣ ва ихтиёрӣ ҷудо мешаванд. Таҳлилҳои оморӣ исбот менамоянд, ки ҳиссаи бештари воридоти мукофоти суғуртавӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ рост меояд.

фоизи ҳаҷми умумии воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавиро дар кишвар ташкил медиҳад. Ҳаҷми воридот аз рӯи шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар муқоиса ба соли гузашта ба маблағи 56,7 млн. сомонӣ (33,7%) зиёд гардид. Раванди мазкур шаҳодат аз он медиҳад, ки суғуртакунӣ аз рӯи шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар кишвар то андозае рушд карда истодааст ва ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ низ ҷиҳати тақвият бахшидани ин раванд тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои муосири суғуртавӣ аз рӯи ин шакл ба аҳолии кишвар тамоми имкониятҳои мавҷудаи худро истифода намуда истодаанд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ ба суғуртшавандагон аз рӯи зиёда аз 130 намудҳои шакли суғуртаи ихтиёрӣ хизматрасониро ба роҳ мондаанд ва ин тамоюл сол то сол раванди болоравиро касб намуда истодааст.

**Диаграммаи 7. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар солҳои 2015-2021**




**Ухдадориҳои базиммагирифтаи иштирокчиёни касбии бозори суғурта** дар соли 2021 104,9 млрд. сомониро ташкил дод, ки он дар муқоиса ба соли гузашта 54,5 млн. сомонӣ (2,0 маротиба) зиёд гардидааст.

Инчунин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли ҳисоботӣ ба 73,6 млрд. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 38,2 млрд. сомонӣ (2,0 маротиба) афзоиш ёфтааст.

**Диаграммаи 8. Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2021**




**Диаграммаи 9. Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2021**




**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолгардидаи низоми суғурта** бошад[3], дар соли 2021 ба 83,2 млн. сомонӣ баробар шуда, ин нишондиҳанда дар қиёс ба соли гузашта 27,6 млн. сомонӣ (49,6%) зиёд мебошад. Ин амалиёт бештар аз ҳисоби интиқол гардидани мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ равонанамудаи ҶДММ "ТС Бима" ба маблағи 79,8 млн. сомонӣ (95,9 фоизи ин маблағҳоро ташкил медиҳад), ҶДММ "ТС Меҳнат" ба маблағи 1,5 млн. сомонӣ, ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" ба маблағи 587,6 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" ба маблағи 449,3 ҳазор сомонӣ ба амал омадааст.

**Ташаккул ва мавҷудияти захираҳои суғуртавӣ**, ки далели саривақт иҷро карда тавонистани ӯҳдадориҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад, аз рӯи ҷамъбасти соли 2021 171,4 млн. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли гузашта 11,3 млн. сомонӣ (7,1%) зиёд мебошад.

Ин афзоиш дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ мусбӣ арзёбӣ гардида, ҳамзамон барои татбиқи амалии талаботи "Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)", ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ шудааст, таъмин

---

[3] Амалиётҳои азнавсуғуртакунии ташкилотҳои суғуртавии кишвар, ки барои кам кардани ӯҳдадориҳо ва коҳиш додани хавфҳои эҳтимолии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона шудаанд, бинобар сабаби дар ин марҳила мавҷуд набудани ташкилоти азнавсуғуртакунӣ дар бозори суғуртаи кишвар тавассути ташкилотҳои азнавсуғуртакунии хориҷӣ анҷом дода шуданд.

намуда, минбаъд дар рушди низоми суғуртаи кишвар муосидат менамояд.

**Дар давоми соли 2021 пардохтҳо ва ҷубронҳои суғуртавӣ** тамоюли зиёдшавиро касб намуда, ба 91,8 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли гузашта 72,8 млн. сомонӣ (4,8 маротиба) зиёд мебошад. Дар ин самт саҳми ташкилотҳои суғуртавии ҶДММ "ТС Бима" - 80,6 млн. сомонӣ, КВД "Тоҷиксуғурта" - 6,3 млн. сомонӣ, ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" - 2,2 млн. сомонӣ ва саҳми дигар ташкилотҳои суғуртавӣ - 2,7 млн. сомониро ташкил дод, ки ба пӯшонидани зарарҳои молиявии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона гардидаанд. Афзоиши пардохти ҷубронҳои суғуртавӣ аз як тараф нишондиҳандаи мусбӣ арзёбӣ гардад, аз тарафи дигар мақоми назорати суғуртавиро водор месозад, ки раванди шаффоф пардохт гардидани онҳоро дар ин самт назорат намояд.

**Диаграммаи 10. Тағйирёбии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021**




**Диаграммаи 11. Тағйирёбии таносуби пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021**




**Таносуби пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ** нисбат ба воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ дар соли 2021 7,8 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли 2020 ба андозаи 0,3 банди фоизӣ кам мебошад.

**Ҳамчунин, дар соли 2021 амалишавии пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ** аз рӯи шаклҳои суғурта чунин ҷамъбаст гардидаанд. Аз рӯи шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар соли 2021 89,3 млн. сомонӣ пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ амалӣ карда шудаанд, ки 97,3 фоизи ҳаҷми умумии пардохту ҷубронҳои суғуртавии амалишударо ташкил дода,

дар муқоиса ба соли 2020 ба андозаи 72,1 млн. сомонӣ (4,8 маротиба) зиёд мебошад[4].

Пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ аз рӯи шакли суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ дар соли 2021 мутаносибан 261,3 ҳазор сомонӣ ва 2 233,9 ҳазор сомониро ташкил намуданд, ки дар муқоиса ба соли гузашта суғуртаи ҳатмии давлатӣ 81,3 ҳазор сомонӣ (45,2%) ва суғуртаи ҳатмӣ бошад, 599,1 ҳазор сомонӣ (36,6%) афзоиш ёфтаанд.

**Диаграммаи 12. Тағйирёбии пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар солҳои 2020 ва 2021**




**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ** дар соли 2021 ба маблағи 62,0 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ 13,8 млн. сомонӣ (-18,2%) кам мебошад. Ин нишондиҳанда аз як тараф ба он асоснок карда мешавад, ки дар баъзе ташкилотҳои суғуртавӣ воридоти мукофоти суғуртавӣ камтар шуда бошад, аз тарафи дигар дар баъзеи онҳо бинобар сабаби нисбат ба соли қаблӣ зиёд шудани пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ ба миён омадааст.

Чуноне, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, яке аз нишондиҳандаҳои муҳими ифодакунандаи самаранокӣ ва ҷолибнокии ташкилотҳои суғуртавӣ ин сатҳи даромаднокии онҳо мебошад. Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои (ROA) низоми

---

[4]*Ба маротиб зиёд шудани пардохту ҷуброни суғуртавӣ дар соли 2021 аз ҳисоби шартномаи ҶДММ ТС "Бима" вобаста ба пардохт гардидани ҷуброни суғуртавии калонҳаҷм аз рӯйи* суғуртаи корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ *аз тарафи ташкилоти азнавсуғуртакунии хориҷӣ ба амал омадааст, ки 69,5 млн. сомониро ташкил медиҳад.*

суғуртаи ҷумҳурӣ дар соли 2021 ба ҳисоби миёна 0,3% ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) бошад, 2,8% -ро ташкил намуданд.

**Нишондиҳандаҳои асосии даромаднокии низоми суғурта дар соли 2021**

